Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози Тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

20 январи соли 2021. Чоршанбе № 6 (14707)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

АГАР ҶИСМИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТ ИҚТИСОДИЁТ БОШАД, МАЪНАВИЯТ ҚАЛБ ВА РӮҲИ ОН АСТ

Таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 январ оид ба масъалаҳои куллан такмил додани низоми корҳои маънавию маърифатӣ, пурзӯр гардондани ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ин раванд ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонии таърихӣ нишон медиҳад, ки миллатҳо ба туфайли ваҳдати маънавӣ, пайравӣ ба ғояи миллии худ ба пешрафт ноил мегарданд. Имрӯзҳо масъалаи мафкураи миллӣ дар кишвари мо, ки аз роҳи бунёди ҳаёти нав, ҳамроҳ шудан ба сафи давлатҳои мутараққӣ меравад, аҳамияти муҳим дорад.

Солҳои охир дар ин самт як қатор қарорҳо қабул карда шуданд. Муайян карда шуд, ки Президенти кишвар раиси Шӯрои ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат аст. Ҳокимон барои идораҳои ҳудудии шӯро масъуланд. Ин нақши масъалаҳои маънавӣ ва маърифатиро дар сиёсати давлатӣ боз ҳам баланд бардошт.

— Агар ҷисми ҳаёти ҷамъият иқтисодиёт бошад, маънавият қалб ва рӯҳи он аст, — қайд кард Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомад. — Модоме ки мо бунёд намудани Ӯзбекистони навро қарор додаем, ба ду сутуни қавӣ такя мекунем. Якум — иқтисодиёти пурқуввати ба тамоюлҳои бозор асосёфта. Дуюм — маънавияти қавии ва мероси бои гузаштагони бузургамон ва арзишҳои миллӣ асосёфта мебошад.

Дар Муроҷиатномаи роҳбари давлатамон ба Олий Маҷлис, Форуми якуми ҷавонони Ӯзбекистон ва ҷамъомади васеи Шӯрои бехатарӣ вазифаҳои барои рушди соҳаҳои маънавият ниҳоят муҳим муайян шуданд, зеро дар он масъалаҳои зиёди ҳалли худро нигарон ҷамъ шуданд. Баъзеҳо моҳияти ғояи миллиро пурра дарк намекунанд, ба он сатҳӣ муносибат мекунанд, иштибоҳан онро бо идеологияи кӯҳна шабоҳат медиҳанд. Ба ин муносибат Президент моҳияти асосии мафкураи мамлакати моро ин тавр шарҳ дод:

— Мафкураи Ӯзбекистони наве, ки мо бунёд менамоем, меҳрубонӣ, одамигарӣ, инсондӯстӣ хоҳад буд. Вақте ки мо дар бораи мафкура сухан меронем, пеш аз ҳама, тарбияи ақл, тарбияи арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар назар дорем. Дар асоси онҳо тасаввуроти ҳазорсолаи ҳаётӣ, арзишҳои халқамон ниҳон аст, — изҳор кард сарвари давлат.

Тавре ки маълум аст, имрӯз дар ҷаҳон муборизаи ва рақобати шадид ҳукмронӣ менамояд, бархӯрди манфиатҳо пурзӯр мегардад. Ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ барои инсоният имконоти бемисли нав ва ҳам мушкилоти ғайриинтизорро ба бор меоварад. Таҳдид ва ситезаҳо барои аслияти миллӣ ва арзишҳои маънавӣ торафт бештар мегарданд. Ба шуури одамон, хусусан ҷавонон бо ҳар гуна роҳ эгосентризм, маданияти истеъмол, муносиботи бепарвоёна ба меҳнат ва оила ворид карда мешавад.

Чунин таҳдидҳо мисли терроризм, ифроткорӣ, ҷиноёти фаромиллӣ ва киберҷиноёт, одамфурӯшӣ ва ҷочоқи моддаҳои нашъаовар пурзӯр мегарданд. Дар баъзе минтақаҳо бесуботии бо роҳи сунъӣ бавуҷудоварда ва кайфияти эътирозомез ба назар мерасанд.

Дар чунин вазъияти нигаронкунанда эҳтиёткорӣ ва ҳушёрӣ зоҳир намуда, дар қайди фикри осоиштагӣ ва манфиати мамлакатамон зиндагӣ кардан муҳим аст.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки хатари аз ҳама бузург бепарвоӣ ва бефаркӣ ба шумор рафта, дар коҳиш додани мушкилоти мушоҳидашавандаи имрӯзаи иҷтимоӣ иштироки насли солхӯрда дар бобати тарбия ба назар намерасад ва назорати ҷамъиятӣ кифоя намекунад.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки худи замон таҳлили илман асосноки вазъияти иҷтимоиву маънавиро дар ҷамъият тақозо менамояд. Маҳз вуҷуд надоштани чунин бархӯрд ба ташкили корҳои маънавиву маърифатӣ имкон намедиҳад, ки ба натиҷаҳои чашмдошт ноил гардем.

Бинобар ин ба ногузирии таҳлили танқидӣ ва такмили куллии кори Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ишора гардид.

Президент дар пойгоҳи муассисаи таълимии «Маънавият тарғиботчиси»-и ин марказ таъсис додани Институти тадқиқотҳои иҷтимоиву маънавиро пешниҳод намуд.

Чорабиниҳо дар бобати ба дараҷаи нави босифат ва пурмуҳтаво бардоштани корҳои маънавиву маърифатӣ муайян гардиданд.

Имрӯз бо тарғиби маънавиёт даҳҳо ташкилот машғул аст. Ба сабаби вуҷуд надоштани танзими мушахраси фаъолияти онҳо ва ҳам низоми ягона, ҳолатҳои такрор намудани кори якдигар ба назар мерасанд.

Муайян карда шуд, ки минбаъд Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ фаъолияти тамоми шӯроҳои ҳудудӣ, вазорат, идора ва ташкилотҳои маънавиву маърифатиро ҳамоҳанг менамояд.

Таъминоти моддиву техникии марказ ва ташкилотҳои он ба таври назаррас пурзӯр карда мешавад. Корҳои илмиву тадқиқотӣ ва тарғиботиву ташвиқотии Марказ аз нав ташкил карда мешавад.

Дар тарбия танаффус буда наметавонад, мегӯяд халқ. Аммо дар кори маънавияту маърифат имрӯз кор ранги дигар дорад. Кӯдакистон, мактаб, таълими олӣ, маҳалла – ҳар як ҳалқа дар ин самт ба таври алоҳида кор мебарад.

Бинобар ин аҳамияти ба вуҷуд овардани низоми ягонаи кори маънавиву маърифатӣ, аз он ҷумла, аз синни кӯдакистон чун шахсони соҳибмаълумот ва неккирдор тарбия намудани писарон ва духтарон, бо ин мақсад мадади методӣ расондан ба муассисаҳои таълими томактабӣ таъкид ёфт.

Дар бобати баланд бардоштани самаранокии кори маънавиву маърифатӣ дар мактабҳо, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва олӣ супоришҳо дода шуд. Дар тамоми муассисаҳои таълими олӣ ва филиалҳои онҳо дар андозаи воҳиди штатҳои мавҷуда вазифаи проректор оид ба масъалаҳои ҷавонон ва корҳои маънавиву маърифатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ба таъмини суботнокии вазъияти иҷтимоиву маънавӣ дар маҳаллаҳо эътибори алоҳида нигаронда шуд. Хабар дода шуд, ки аз рӯи принсипи «Намояндаи зиёӣ – ҳомии маънавии маҳалла» ба ҳар як маҳалла профессорон, устодон ва намояндагони маъруфи зиёиён вобаста карда мешаванд. Ташаббуси намояндагони солхӯрдагон дар бобати ҳамдастӣ ба ҷавонони тарбияашон мураккаб ва ҷавонони бекор дастгирӣ карда шуд.

Дар бобати дар марказҳои вилоятҳо бунёд намудани хонаҳои маънавият ва маърифат дар асоси лоиҳаи намунавӣ, барои соҳа ҷудо намудани воҳиди штатҳои барилова аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ супориш дода шуд.

Пешниҳод дар бобати ба маркази илмии омӯзиши таърихи ҷанг ва қаҳрамонии гузаштагонамон табдил додани маҷмӯи «Боғи Ғалаба» дар Тошканд баён гардид.

Аҳамияти тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ таъкид шуд. Барои ин бояд дарси таърих ба дараҷаи нав бардошта шуда, тадқиқотҳои илмӣ дар ин бобат васеъ карда шаванд.

– Дар рӯҳи миллӣ таълим додани таърихи миллӣ ногузир аст. Вагарна ин самараи тарбиявӣ нахоҳад дошт. Мо ба ҷавонон ёд диҳем, ки аз таърих сабақ бардошта, хулоса намоянд, онро бо илми таърих, тафаккури таърих мусаллаҳ созанд, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сафир Агостино Пинна:

Шароитҳое, ки дар «Texnopark» мавҷуданд, барои ширкатҳои италиёӣ пешомадҳои навро фароҳам меоваранд

Сафири Италия дар Ӯзбекистон Агостино Пинна ва **Сафири кишвари мо дар Италия Отабек Акбаров** 13 январ аз «Texnopark», ки дар ноҳияи Яшнободи пойтахт ҷойгир шудааст, барои шинос шудан бо имкониятҳои истеҳсолие, ки дар ин ҷо ҳастанд ва маҳсулоти ширкатҳои италиёӣ, ки якҷо истеҳсол мешаванд, ҳамчунин баррасии минбаъд вусъат додани лоиҳаҳои сармоявӣ бо ҷониби Италия боздид ба амал оварданд.

Сафирон бо ҷараёни истеҳсоли лифт ва эскалаторҳо, яхдонҳо, бодбезакҳои саноатӣ ва низоми сардкунӣ, ҳисобкунакҳои газ, насосҳои обкаш, пресс-форм ва штампҳо муфассал ошно гардиданд.

Ҳоли ҳозир дар «Texnopark» якҷо бо ширкати италиёии «Pietro-Fiorentini» истеҳсоли ҳисобкунакҳои замонавии газ, ки таҳти нишони «Osten» истеҳсол мешаванд, ба роҳ монда шудааст. Лоиҳа моҳи феврали соли 2020 коркард шуд ва дар натичаи он 500 ҷойҳои корӣ ташкил ёфтанд. Ҳаҷми солонаи истеҳсолот 3 миллион дона ҳисобкунакҳои газро ташкил медиҳад. Арзиши лоиҳа 50 миллион доллари ИМА мебошад.

Қисми асосии ҷузвҳои ҳисобкунакҳои газ дар ҳамин ҷо истеҳсол карда мешаванд. Электроника ва муҳаррикҳо аз Италия мерасанд.

Сафири Ӯзбекистон дар Италия Отабек Акбаров таъкид намуд, ки алҳол дар як қатор корхонаҳо технология ва таҷҳизоти пешқадами италиёӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла ин ба истеҳсоли ҳисобкунакҳои инноватсионии газ тааллуқ дорад, ки бо чунин ширкатҳои италиёӣ, аз ҷумла «PietroFiorentini», «Terranova» ва ғайра ба роҳ монда шудаанд.

Дар ин ҷо барои таъмин кардани ҷараёни муттасили истеҳсолот ва ба мақсади таъмин сохтани ба бозори дохилӣ аз маҳсулоти босифат ва содироти он ба хорича кор дар якчанд баст ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон бо ин лоиҳа боз бо ду ширкати дигари италиёӣ гуфтушунидҳо идома доранд. Яке аз онҳо «Ferolli» мебошад, ки ба истеҳсоли дегҳои гармкунӣ машғул аст, ширкати дигар «Embraco» аст, ки ба истеҳсоли компрессорҳо тахассус дорад. Интизорӣ меравад, ки соли равон бар иловаи истеҳсоли ҳисобкунакҳои газ бо иштироки ширкатҳои италиёӣ ду корхонаи дигар бунёд карда шаванд.

Мехостам таъкид намоям, ки дар мамлакати мо бо дастгирии давлатамон бобати бозсозии иқтисодиёти кишвар корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Таҷҳизоти кӯҳнаи истеҳсолӣ ба таҷҳизоти нави замонавӣ иваз мегарданд. Аз ин ҷиҳат Италия бо технологияҳои нав, муҳандисон ва ноу-хауҳои хеш метавонад нақши муҳим бозад.

Сафири Италия дар Ӯзбекистон Агостино Пинна фикру ақида ва таассороти худро иброз дошт:

– Бояд қайд намуд, ки баъди дар Ӯзбекистон Сафир таъин шудан ман аввало «Texnopark»-ро дар шаҳри Тошканд тамошо кардам.

(Давомаш дар саҳ.2).

Дар корхона 400 нафар занону духтарон ба кор таъмин карда шуданд

Дар ширкати «Оқ олтин мега текстил», ки дар технопарки «Урганҷ» ба фаъолият сар кардааст, либос барои бачагон ва калонсолон, шими ҷинс ва дигар пӯшокҳо тайёр карда мешавад.

Дар корхона аз шаҳрҳои Урганҷ ва Хева, ноҳияҳои Янгиариқ, Хонқа ва Урганҷ 400 нафар занону духтарон меҳнат мекунанд. 75 фоизи маҳсулоте, ки ин ҷо тайёр мешавад, экспорт карда мешавад.

Дар суратҳо: *дар ширкати «Оқ олтин мега текстил»-и технопарки «Урганҷ».*

Суратгир: Т.МАМАДАМИНОВ (ЎзА).

Дар ҳошияи Муроҷиат

ДАР РОҲИ ПЕШРАФТ ВА ЗИНДАГИИ БАРОҲАТ

Ҳоло дар сартосари кишварамон роҳбарони мақомоти гуногун, аҳли илму адаб, мутахассисони соҳа, зиёиён, дар маҷмӯъ, шаҳрвандон нуктаҳои Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба Олий Маҷлисро меомӯзанд. Мухбирамон дар ин хусус бо мудири кафедраи такмили малакаи ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоқул ТОШЕВ суҳбате орост. Инак, фишурдаи он ба хонандагон пешниҳод мегардад.

— Бобоқул Норқобилович, Президент вақте дар Муроҷиат доир ба куллан такмил додани фаъолияти мақомоти давлатӣ ҳарф мезад, гуфт, ки «Дар бисёр вазорату идораҳо ҷараёни қабули қарорҳо басе марказонида шудаанд». Дар ин маврид ӯ чиро дар назар дошт?

— Бале, роҳбари давлат алоҳида таъкид намуд, ки ба рӯйи об баромадани ислоҳот, дар ҳаёти рӯзмарраи халқ иҷрооти онҳо аз бисёр ҷиҳат ба идораи мақомоти давлатӣ вобаста аст. Дар ҷараёни амалӣ гардондани ислоҳоти маъмурӣ такмили институтсионалии мақомоти идораи давлатӣ аз ҷониби онҳо такомул додани механизми қабули қарорҳоро тақозо дорад.

Ин эътирози Президент, ки гуфт: «Дар бисёр вазорату идораҳо ҷараёни қабули қарорҳо басе марказонида шудаанд. Баъзан дуҳурии вазифаҳо мушоҳида мешавад... Бинобарин, баъзе муовинони вазирон, роҳбарони зинаҳои миёна масъулиятро ба дӯши худ намегиранд, ташаббус нишон намедиҳанд. Ин ҳолат аз чӣ сабаб рух медиҳад? Ба онҳо донишу навандешӣ ва эҳсоси масъулияти шиносӣ намерасад, ё худ онҳо тамаъгар ҳастанд...» ба ин маънӣ аст.

Бемасъулиятӣ, бедонишӣ, ноустуворӣ ва тамаъкории роҳбароне, ки дар ин идораҳо кор мекунанд, касро ба андеша водор месозад. Роҳбари давлат кушоду равшан изҳор дошт: «Мутаассифона, чунин роҳбарон ба ҷойи он, ки мушкилоти ҷиддиро ҳаллу фасл намоянд, тавре ки инро халқ аз онҳо интизор аст, ба корҳои бефоидаи коғазбозӣ ва баргузор намудани ҷамъомадҳои бесамар машғул мешаванд».

Ҳанӯз идома пайдо кардани қабули қарор тибқи принсипи «аз боло ба поён» дар кору фаъолияти идораи давлатии Президент, яъне вазорату идораҳо аз он далолат медиҳад, ки дар боло мушкилоти маҳалҳоро амиқ наомӯхта қарор қабул мекунанд.

Воқеан, ҳоло чунин аст. Яъне, баъди қабули қарор аз ҷониби ҳукумат вазорату идораҳо тибқи қарори идораи болоӣ қароророро ба тасвиб мерасонанд.

Ба муносибати татбиқи пайгиронаи ислоҳот дар мамлакат теъдоди асноди меъёрию ҳуқуқӣ зиёд мешавад. Вале таҳлилҳо бозгӯйи онанд, ки татбиқи асноди ҳуқуқӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Бояд механизми ташкилию ҳуқуқии муассири мониторинги онҳо пурра рӯйи кор ояд.

Фикр мекунам, ки кори эҷодкорони меъёр ба такмил ниёз дорад. Бояд сифати асноди меъёрию ҳуқуқӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳад, мониторинги иҷрои онҳо роҳандозӣ карда шавад. Ин аст, ки масоили вобаста ба қабули асноди меъёрию ҳуқуқӣ, такмил додан ё бекор кардани онҳо аз ҷониби Президент дар қарори «Дар бораи чорабиниҳо доир ба афзун гардондани самаранокии иҷрои асноди ҳуқуқӣ тибқи механизмҳои замонавӣ», аз 2 ноябри соли 2019, возеҳу равшан карда шуд.

Бисёр давлатҳои рушдкардаи дунё ислоҳоти шадидро аз сар гузаронидаанд. Табиист, ки дар ҷараёни татбиқ зарурати баҳо додан ба асноди ҳуқуқии батасвибрасида ба миён меояд. Бо назардошти ин, ҳар як давлат дар роҳи тараққиёти худ саъю кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин ҷараёнро мураттаб созад. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар таҳлили сифат ва самаранокии меъёрҳои эҷодшуда мониторинги ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Мониторинг мутаносибии ҳуқуқӣ, амалкарди ягонаи иҷрои асноди батасвибрасидаро таъмин менамояд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сафир Агостино Пинна:

Шароитҳое, ки дар «Технопарк» мавҷуданд, барои ширкатҳои италиёӣ пешомадҳои навро фароҳам меоваранд

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз корҳои васеъмиқёсе, ки дар он анҷом дода шудаанд, ба ҳайрат афтодам. Дар ин ҷо будан ва дидани имкониятҳое, ки барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам оварда шудаанд, хеле хушоянд аст.

Аз ҷумла, бо яке аз ширкатҳои машҳури италиёӣ – «PietroFiorentini» истеҳсоли ҳисобкунакҳои замонавии газ ба роҳ монда шудааст. Хурсандиовар аст, ки ширкати мазкур ба Ӯзбекистон сармоягузорӣ мекунад ва фаъолона амал менамояд. Дар тӯли муддати кӯтоҳ таҷҳизоти зарурии истеҳсолӣ устувор карда шудаанд, ҳоли ҳозир истеҳсоли маҳсулот пурра ва дар ҳаҷми бузург оғоз ёфтааст.

Фикр мекунам, он барои ба дараҷаи нав бардоштани мубодилаи моли байни кишварҳои мо такони хуб медиҳад, ҳамчунин барои вусъат додани иштироки тиҷорати италиёӣ дар Ӯзбекистон ибратбахш аст. Барои ширкатҳои италиёӣ пешомадҳои нав фароҳам меоянд.

То ба ин ҷо омадан ман матолибро дар бораи ин лоиҳа ҳонда ва дар телевизион дида будам, вале ҳамаи инро бо чашмони худ дидан, албатта, беҳтар аст. Алҳол бо ду ширкати италиёӣ, ки тайёранд ба Ӯзбекистон сармоягузорӣ кунанд, гуфтушунидҳо идома доранд.

Ба меҳмонон дар бораи фаъолияти «Texnopark» ва лоиҳаҳои минбаъда бо ширкатҳои италиёӣ маълумот дода шуд.

Дар ҷараёни муаррифӣ таъкид гардид, ки то охири соли 2021 ба истифода супурдани боз 11 лоиҳаи бузурги сармоявӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ ва содиротӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ мегардад. Баъди ба кор супурда шудани тамоми лоиҳаҳо дар ин ҷо беш аз 10000 ҷойҳои корӣ фароҳам меоянд.

Зикр гардид, ки ширкати «PietroFiorentini»-и Италия таҷрибаи беш аз 70-сола дорад ва худро дар тамоми ҷаҳон ҳамчун истеҳсолгари ҳисобкунакҳои баландсифати газ муаррифӣ кардааст. Ширкати «Terranova» дар бобати назорат ва ҳисобу китоби газ бо ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ дар як саф қарор дорад.

Дар ҷараёни муаррифӣ ҳамчунин маълумот дода шуд, ки ширкати «Ferolli»-и италиёӣ пас аз ба роҳ мондани истеҳсолот соле 2 ҳазор адад дег истеҳсол мекунад, ки иқтидорашон аз 100 киловатт то 6 мегаватт мебошанд. Ҳаҷми тахминии сармоя барои ин лоиҳа 7,5 долларро ташкил медиҳад. Қисмҳои эҳтиётӣ маҳдудтар мешаванд. Сифати дегхонаҳо ба меъёрҳои аврупоӣ ҷавобгӯ хоҳад буд.

Дар анҷоми рӯнамоӣ зикр шуд, ки бо муттаҳид кардани 16 навъи истеҳсолот, ҳамчунин маркази логистикӣ, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Технопарк» дар минтақаи Осиёи Марказӣ бобати истеҳсоли номгӯйи зиёди маҳмӯйи маҳсулоти саноатӣ, техникӣ, электронӣ, бинокорӣ ва маишӣ корхонаи пешқадамтарин ва пешомадноктарин мегардад, ки ба бозорҳои дохиливу содиротӣ нигаронида шудааст.

Музаффар КОМИЛОВ,
Анвар ИЛЁСОВ (суратгир),
хабарнигорони АИ «Дунё».

АГАР ҚИСМИ ҲАЁТИ ҚАМЪИЯТ ИҚТИСОДИЁТ БОШАД, МАЪНАВИЯТ ҚАЛБ ВА РӮҲИ ОН АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар назди шахсони масъул вазифаи таҳияи консепсияи рушди илми таърихӣ дар Ӯзбекистон то соли 2030 гузошта шуд.

Супурда шуд, ки мақоми забони ӯзбекӣ чун забони давлатӣ мустаҳкам карда шуда, технологияи замонавӣ барои омӯзиши он дар мамлакат ва дар хориҷа татбиқ карда шавад.

Имрӯз ҳаёт ба тарзи нав тафаккур ва меҳнат намудан, ташаккул додани «марказҳои мағз»-и илмиро тақозо менамояд. Мутаассифона, дар мамлакат таҳлилгарон ва коршиносоне каманд, то ки қодир бошанд тамоми ҷараёнҳои ҷамъиятиву сиёсии атрофамонро амиқ тадқиқ намоянд ва ба мардум бирасонанд. Бинобар ин дар соҳаи ҳимояи ҷамъият аз таҳдидҳои маънавӣ, ба таври куллӣ кори тадқиқотии илмиву амалиро таҷдиди назар кардан ногузир аст. Таъкид шуд, ки марказҳои маънавият ва маърифат, «Стратегияи тараққиёт», тамаддуни исломӣ, институтҳои тадқиқотии самти ҷамъиятиву гуманитарӣ ба чунин «марказҳои мағз» бояд табдил дода шаванд.

Бо мақсади пеш бурдани ғояи миллӣ, баланд бардоштани самараи кори маънавиву маърифатӣ, минбаъд рушд додани адабиёт ва маданияти мутолиа дар ҷамъият дар пойгоҳи фонди ҷамъиятии «Эҷод» Фонди дастгирии маънавият ва эҷодиёт ба вуҷуд оварда мешавад.

Бинобар ин 120 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад, ки барои босамар татбиқ намудани корҳои маънавиву маърифатӣ, рушди адабиёти миллӣ харҷ мегардад. Аз ин маблағ 90 миллиард сӯм барои рушди соҳаҳои маънавияту маърифат дар минтақаҳо, 20 миллиард сӯм барои дастгирии фаъолияти Иттиҳоди нависандагон, 10 миллиард сӯм барои ташкили босамари корҳои маънавиву маърифатӣ дар миқёси мамлакат равон мегардад.

Дохил намудани ихтисоси маънавият ва маърифат ба классификатори фанҳои таълимӣ, роҳандозии таълими кадрҳои баландмалака дар ин самт супурда шуд.

Ба масъалаҳои баланд бардоштани маданияти хониш, муттасил рушд додани санъати кино, таҳлили танқидии фаъолияти шӯроҳои бадеӣ дар назди тамоми шабакаҳои телевизионӣ, баланд бардоштани сифати намоишҳои телевизионӣ махсус таъкид шуд.

– Агар касе чунин фикр кунад, ки маънавият ин фақат кори Маркази маънавият ё худ вазорат, идораи алоҳида аст, ӯ иштибоҳ мекунад. Ин яке аз асоситарин ва муҳимтарин вазифае мебошад, ки дар назди ҳамаи мо қарор дорад, – таъкид кард Президент.

Масъулони соҳа, устодон ва профессорон, вазирҳо ва ҳокимони вилоятҳо фикр ва пешниҳодоти худро дар бобати масъалаҳои дар ҷамъомади видеоселекторӣ муҳокимагардида иброз намуданд.

ЎзА.

ДАР РОҲИ ПЕШРАФТ ВА ЗИНДАГИИ БАРОҲАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Агар қарорҳо дар вазорату идораҳо бо назардошти ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ ба тасвиб расанд, мазмуну мундаричаашон фаҳмо буда, меъёрҳо талқини ягона дошта бошанд, ба татбиқи ҳуқуқи соҳибкорон ва аҳолӣ хидмат хоҳанд кард.

— Дар Муроҷиатнома доир ба дақиқ муайян намудани вазифаҳои вазорату идораҳо, якдигарро такрор накардани онҳо низ таъкидот ба назар мерасад...

— Дар мавриди ба амал татбиқ намудани ислоҳоти маъмурӣ низоми идораи вертикалӣ ва такмили механизмҳои ҳамкории мақомоти ҳокимияти иҷро пешбинӣ шудаанд. Беш аз андоза марказонида шудани ваколат ва функсияҳои давлатӣ ба паст шудани нақши мақомоти ҳокимияти иҷро бобати ташаккул додани барномаи рушди минтақаҳо ва ҳалли мушкилоти мардум замина гузошта истодааст.

Дар Муроҷиатнома ба ҳукумат пешниҳод шуд, ки бино ба ихтисор кардани идораҳое, ки вазифаҳои якдигарро такрор менамоянд ва аз байн бардоштани монеаҳои бюрократӣ асноди лоиҳаҳои дахлдорро омода созад.

Тавре ки дар асноди ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, бояд дар роҳи мушаххас кардани вазифаҳои вазорату идораҳои ҳама зинаҳо, сохторҳои ҳудудии онҳо, бино ба тартиби қонунгузорӣ муайян намудани ин вазифаҳо, такрор накардани функсияҳои якдигар ислоҳоти пайгирона идома ёбад.

— Дар Муроҷиатнома гуфта мешавад, ки бояд роҳбарони зинаи миёна дар ҳаллу фасли мушкилот ташаббускор бошанд. Яъне...

— Бале, роҳбари давлат ба маҳалҳо, ки бояд роҳбарони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва сохтори ҳудудии мақомоти идораи давлатӣ дар ҳаллу фасли онҳо ташаббускор бошанд, рӯйи эътибор гардондааст.

Роҳбари давлат қотеъона изҳор дошт, ки шурӯъ аз соли 2021 «масъулият ва ҷавобгарии мақомоти идора бобати ҳаллу фасли масъалаҳои ҳудудӣ пурзӯр карда мешавад».

Тавре ки ӯ таъкид намуд: аз оғози соли 2021 ҳар як вазорат кори худро дар маҳдудаи шаҳр, ноҳия, деҳа ва маҳалҳо бино ба нақшаи мушаххас ташкил медиҳад. Яъне, минбаъд вазорату идораҳо ба сифати мақомоте, ки дар боло қарор доранд, дар ҳар минтақа масъалаҳои ба ваколати худ дахлдоштаро муайяну мушахас намуда, бобати ҳаллу фаслашон бо назардошти қонун амал менамоянд, қарорҳое қабул мекунанд, ки ичрошавандаанд. Ба кору фаъолияти вазиру ҷонишинони онҳо бо назардошти дигаргуниҳои мусбие, ки дар ноҳия, шаҳр, деҳот ва маҳалҳо рух менамоянд, баҳо дода мешавад.

— Шумо гуфтаи «аз ҳисоби васеъ ҷорӣ кардани технологияи рақамӣ оптималикунонии теъдоди ходимон ва ҷараёни кор»-ро чӣ хел шарҳ медиҳед?

— Дар Муроҷиатнома ба чорабинии оптималикунонии теъдоди ходимон ва ҷараёни кор аз ҳисоби васеъ ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ баҳои танқидӣ дода шуд. Идоракунӣ дар оянда ба технологияи ақлдор ва усули идораи инноватсионӣ бевосита такя хоҳад кард.

Дар фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ ҷорӣ намудани сохтори баҳогузорӣ дар асоси KPI (нишондиҳандаи кори асосӣ) ва ҳисобдорӣ ба афзудани самаранокии кори идораҳо асоси мустаҳкам ба вуҷуд меоварад. KPI коэффитсиентест, ки самарабахшии ба мақсадҳои стратегӣ ноил гардидани созмон ва ходими онро муайян менамояд. Яъне нишондиҳандаест, ки натиҷаҳои ноилгардидаро аз нигоҳи миқдорӣ мушаххас месозад. Истифода аз KPI ба муассиса натанҳо дар баҳо додан ба ҷойи худ дар бозор, балки ба дида баромадани механизмҳои фаъолияти дохилии худ низ имконият фароҳам меоварад.

Дар мамлакатҳои рушдкарда корбурди ин сохтор натиҷаи матлуб дода истодааст. Ҷорӣ намудани кори технологияи рақамдор, дар баробари коҳиш додани теъдоди ходимон, имкони баҳо додан ба қобилияти кории онҳо ва шаффофияти иҷрои асноди батасвибрасидаро медиҳад.

Дар кори идораи давлатҳои рушдкарда технологияи рақамдор бобати муайян ва мушаххас намудани коэффитсиенти меҳнати фоиданоки байни корфармою иҷрогар (ходим), ки аз қонунияти бозор бармеояд, омили муҳим мебошад. Идораи кор тавассути технологияи рақамдор нуфузи ходимро дар вазорату идора ва корхонаҳо ташаккул медиҳад ва ба пардохти музди шоиста ба меҳнати ӯ мусоидат менамояд.

Бино ба пешбиниҳои Муроҷиатнома, минбаъд дар кору фаъолияти вазорату идораҳои кишварамон технологияи рақамдор ба таври густурда ҷорӣ карда хоҳад шуд.

— Барои суҳбати пурмуҳтаво арзи сипос менамоям.

— Саломат бошед.

Мусоҳиб

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

ХАБАРҲО

Нақши ходимони бонк дар рушди соҳибкорӣ

Бонки марказӣ дар пойтахт бо иштироки роҳбарони шуъбаҳои вилоятии бонкҳои тиҷоратӣ анҷуман-тренинг доир намуд, ки як ҳафта давом кард. Вазифаҳое, ки дар Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба парлумон дар назди ходимони бонк муайян карда шудаанд, мавриди гуфтугӯ қарор дода шуданд.

Гуфта шуд модоме яке аз вазифаҳои муҳими рӯз коҳиш додани камбағалӣ, аз байн бурдани бекорист, бояд онҳоеро дастгирӣ кард, ки шаклҳои гуногуни соҳибкориро ба роҳ гузоштанианд. Акнун ходими бонк бояд муроҷиати шаҳрвандонро оиди гирифтани кредит мунтазир нашуда, бояд ба маҳаллаҳо барояд, чашмикордонҳоро бо кӯмаки фаъолон ёфта, онҳоро ба соҳибкорӣ ҷалб намояд. Дар барпои боғҳои интенсив, азхудкунии майдонҳои нави кишт, коркарди ҷинсҳои кӯҳӣ, рушди экотуризм дар ҷойҳо ходимони бонк низ саҳм гузошта метавонанд. Яке аз масъулони «Ўзсаноатқурилишбанк» А.Салиев таъкид сохт, дар вилояти Наманган, хусусан, ноҳияҳои Поп ва Чуст метавон бо ин роҳ ҳунармандии халқиро боз ҳам равнақ бахшид.

Ноҳияҳои Олот, Бекобод, Тирмиз ва Хӯҷаобод, ки наздисарҳадианд, хусусиятҳои ҷудогона дар пешбурди корҳои тиҷоратию молиявӣ доранд ва лозим аст ходимони бонк дар ин мавзеъҳо дар робита бо соҳибкорон ва дастгирии онҳо дучанд масъулият ҳис намоянд, гуфта шуд дар анҷумани таълимӣ.

Ба «самосуд» ҷазо муқаррар

Вақте шахс дар болои айб ё гуноҳ ба даст афтид, ҷойи он ки ӯро ба қонун супоранд, баъзан худсарона ҷазо медиҳанд, ки он дар забони халқ «сазоӣ», дар забони қонун «самосуд» (худсуд) гуфта мешавад.

Дар анҷумани матбуотие, ки дар пойтахт баргузор гардид, масъулони идораҳои ҳуқуқу тартибот ба суолҳо дар ҳамин мавзӯъ ҷавобҳо гардонданд.

Дар майдони хоҷагии фермерии «Хазина – 2000» воҳеъ дар ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ роҳбари хоҷагии фермерӣ нафареро, ки дар ҳолати мастӣ ӯро ҳақорат кардааст, худсарона ҷазо дод. Мувофиқи моддаи 109 (банди дуюм)-и Кодекси ҷиноӣ вай ба ҷавобгарӣ кашида шуд.

Ё худ бонувоне, ки дар вилояти Хоразм айбдорро худсарона ҷазо додаанд, якунимсолӣ аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Ба оқибати ҷароҳатҳои ҷисмоние, ки расонда шудаанд, дар доираи санксия ба «самосуд» ҷазо дода мешавад, таъкид ёфт дар анҷумани матбуотӣ. Ба нафароне ҳам, ки наворҳоро ғаразнок дар нуқтаҳои иҷтимоӣ паҳн мекунанд, ҷавобгарӣ муқаррар аст.

Аз 7 то 70-сола

Мамлакати мо бо гроссмейстерҳои худ низ ифтихор дорад. Г.Аъзамов, Р.Қосимҷонов барин шоҳмотбозҳоямон шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Имрӯз ҳам шоҳмот – бозии миллионҳо. Дар пойтахти кишвар «Моҳонаи шоҳмот» таҳти шиори «Варзишро дӯст дор, бо варзиш бизӣ» муташаккилона сурат мегирад.

Аз ҷумла, дар мусобиқаҳое, ки дар ҷамоати шаҳрвандони «Уваисӣ»-и ноҳияи Юнусобод ба амал омад, аз 7 то 70-солаҳо иштирок карданд. Дар ин ҷо наздик 6 ҳазор нафар сокинон умр ба сар баранд, бештар аз 1400 нафарашон ҷавонони то 30-солааند. Тақрибан 25-30 фоизи онҳо муттасил ба варзиш машғуланд. Дӯстдорони шоҳмот, ки синну солро интихоб намекунад, боз ҳам зиёд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Лоиҳаи аз санг истеҳсол кардани коғаз ба роҳ гузошта мешавад

Абдураҳмон Ниёзови фарғонагӣ, ки дар асл шифокор аст, 20 сол инҷониб ба соҳибкорӣ шуғл меварзад. Муҳимаш, аз навигарӣ офаридан монда намешавад.

Лоиҳаи аз санг коғаз истеҳсол кардани ӯ нафақат дар ҷумҳурӣ, балки дар Осиёи Марказӣ ягона аст. Умуман, Ӯзбекистон дар истеҳсоли коғази сангӣ баъди Чин, Тайван, Эрон ва Ҷопон ҷойи панҷумро ишғол менамояд. ҶММ «Фарғона тош қоғоз», ки бо кӯмаки ҳамкорони чиноӣ барпо шудааст, аз моҳи январ ба фаъолият шурӯъ кард.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки коғази Фарғона аз ҷиҳати экологӣ тоза, ба офтоб ва намӣ пурбардошт, доғро ба худ намегузаронад. Хусусан, дар соҳаи матбаа ашёи хоми серфоида. Рангро хуб қабул мекунад. Аз коғази сангӣ дар истеҳсоли гулкоғаз, гипсокартон ва арғамчин низ истифода кардан мумкин.



Дар суратҳо:
1. *Соҳибкор* ***Абдураҳмон Ниёзов;***
2. *Дар ҶММ «Фарғона тош қоғоз».*

Суратгир:
М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

КОРҲОИ ТАРҒИБОТӢ – БАРОИ ПЕШГИРИИ ҲОДИСАҲОИ НАҚЛИЁТ

Маълум, ки ноҳияи Бойсун минтақаи кӯҳӣ ба ҳисоб мераваду шебу фарози роҳҳо барои ҳаракати автомобилҳо баъзан мушкилиҳо эҷод мекунад. Алалхусус, дар фасли зимистон, ки барфу яхбандӣ бисёр мешавад, хавфу хатар ҳам нисбатан меафзояд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ кардани фалокатҳо ва ҳодисаҳои нақлиёти роҳ ходимони ГБҲР (Гурӯҳи бехатарии ҳаракати роҳ)-и шӯъбаи корҳои дохилӣ шабу рӯз корҳои ташвиқотӣ-тарғиботӣ бурда истодаанд.

Дар асоси нақшаи гурӯҳи корӣ дар соли ҷорӣ як қатор тадбирҳо амалӣ шуданд, ки ин барои пешгирӣ намудани хавфу хатар ва ҳодисаҳои нақлиётӣ мусоидат кард. Пеш аз ҳама ҳолати техникии воситаҳои нақлиётӣ, аз рӯи қоида ва меъёрҳо истифода бурдани онҳо пурра зери назорат гирифта шуд. Дар натиҷа нисбат ба соли гузашта ҳодисаҳои нақлиётӣ камтар содир гардид. Инак, гуфтаҳоямонро бо рақамҳо таҳвият мебахшем:

Агар дар 11 моҳи соли 2019 29-то ҳодисаи нақлиётӣ содир ва 20 нафар ҳалок, 21 нафар ҳар хел ҷароҳати тан бардошта бошанд, дар 11 моҳи сипаришуда ҷамъ 21-то ҳодисаи нақлиётӣ (38,1 %) содир шудааст, 11 нафар ҳалок гардида, 14 нафар ҷароҳати тан бардоштаанд.

Дар натиҷаи корҳои ташвиқотӣ-тарғиботӣ ҳодисаҳои нақлиётие, ки бо иштироки кӯдакону наврасон содир шудааст, низ нишондодҳо мусбианд. Яъне, соли гузашта агар 4-то ҳодисаи нақлиётӣ содир шуда бошад, имсол 3-то, 2-нафар ҳалок шуда бошанд, имсол 1-нафар ва 2-нафар ҷароҳати тан бардоштаанд.

Ҳаминро алоҳида таъкид кардан ҷоиз аст, ки 90 фоизи ҳодисаҳои нақлиётие, ки содир шудаанд, дар натиҷаи аз тарафи ронандагон аз ҳад зиёд бо суръати баланд идора намудани воситаҳои нақлиёт ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла, 4 ноябри соли 2020 тахминан соати 22.40 дар гузаргоҳи автомобилии 1-ум километри 4 К 619, ки аз ҳудуди маҳаллаи “Мустақиллик”-и ноҳияи Бойсун мегузарад, Искандар Амонов ном шахс бе ҳуҷҷат бо автомобил (русуми ВАЗ-2106, рақами давлатиаш 75 Е 848 АА) аз маҳаллаи “Мустақиллик” ҷониби маркази ноҳия ҳаракат намуда, ба тарафи муқобили роҳ баромада, бо автомобили ронанда Элёр Норбоев (русуми ВАЗ-2103, рақами давлатиаш 75 J 649 DA), ки аз ҷониби муқобил ҳаракат карда меомад, бархӯрда ҳодисаи нақлиётӣ содир намуд. Дар натиҷа як нафар мусофири автомобили русуми ВАЗ-2106 Ҷонибек Норқобилови ноболиғ ба бемористон ҳобида дар шӯъбаи ҷонноккунӣ вафот мекунад.

12 ноябри соли 2020, соати 17.50 дақиқа дар роҳи автомобилии 1317км М-39, ки аз ҳудуди маҳаллаи “Шифобулоқ”-и ноҳия мегузарад, Абдухолиқ Раҳмонов, ки соли таваллудаш 1983 мебошад, бо автомобили русуми «Нексия», ки ҳуд идора мекард дар роҳи Қумқӯрғон – Тошканд ба автомобили ронанда Ибодулло Бобомуродов (КамАЗ-53212, рақами давлатиаш 75 М 230 FA), ки ӯ низ ҳамон ҷониб ҳаракат мекард, ҳодисаи нақлиётӣ содир намуда, ба ақиби он бархӯрд мекунад ва дар натиҷа ронандаи «Нексия» А.Раҳмонов ва мусофири ӯ Шералӣ Рамазонов, ки соли таваллудаш 1974 мебошад, ҷароҳати тан гирифта, ба беморхонаи марказӣ хобонида мешаванд.

Барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нақлиёти роҳ дар ҳудуди ноҳия дар 7 намуд 2568-то нишонаҳои роҳ мавҷуд буда, 1712-тояш, яъне 66,6 фоизи он ба нишонҳои нави замонавии нургардони роҳ иваз карда шудаанд.

Дар айни замон, ки обу ҳаво зуд тағйирпазир аст, барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нақлиёти роҳ дар маскани ХПР (Хизмати патрули роҳ) бо ҳар як нафар ронандаи воситаи нақлиётӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва огоҳкунанда бурда мешавад. Дар қад-қади роҳи М-39, ки аҳамияти байналхалқӣ дорад, аз 1315 км то 1345 км 120 тонна намак ва шӯрхок захира карда шудааст. Дар роҳҳои автомобилии 4 Р 104 ва 4 Р 105, ки аҳамияти давлатӣ доранд ва дар роҳҳои маҳаллӣ низ бар зидди барфу яхбандиҳо намак ва шӯрхок ба таври кофӣ захира карда шудааст. Ба ғайр аз ин, дар қисми ҳаракаткунандаи роҳи автомобилии М-39 барои аз барфу ях тоза намудани роҳҳо иборат аз ходимони корхонаи унитарии фоидабарии роҳ гурӯҳи навбатчигӣ ташкил карда шудааст.

Хуллас, дар ноҳия барои ҳаматарафа пешгирӣ намудани хавфу хатар ва ҳодисаи нақлиётӣ тамоми чораву тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Азиз ТОШПӮЛОДОВ,
нозири калони
ШКД-и ноҳияи Бойсун.

АЗ КӮМАКИ ҲОКИМ ХУРСАНДАМ

— мегӯяд парвардаи хонаи бачагон Муҳриддин Норқӯзиев

Ҷавони 19-сола Муҳриддин Норқӯзиев дар хонаи меҳрубонии рақами 123, воқеъ дар шаҳри Кӯқанд тарбия ёфтааст. Вай дар мактаб хеле хуб таҳсил намудааст ва аз ҷавонони дидадарои ин хонаи меҳрубонӣ муаррифӣ шудааст.

– Вақте ки барои имтиҳонсупорӣ ба мактаби олӣ тайёрӣ медид, Муҳриддин Норқӯзиев бехабар аз он ки соҳиби имтиёзҳои фаровон аст, ин нуктаро дар варақааш қайд накардааст. Хуҷҷатҳои худро ба Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд супурдааст ва 157 хол ба даст овардааст. Бо ин холҳои бадастовардааш бар асоси шартнома ба ин донишгоҳ қабул шудааст.

Шермуҳаммад Деҳқонов низ аз тарбиятгирандагони хонаи меҳрубонӣ аст ва ба ҳайси блогнавис ба масъалаҳои иҷтимоӣ, хоссатан сарнавишти ҷавонон аз сару кор дорад, ки дар хонаҳои меҳрубонӣ тарбия дидааанду ба камол расидааанд.

– Муҳриддин Норқӯзиев аз зумраи ҷавонон мебошад, ки ба касе чизе нагуфтааст ва бар асоси шартнома таҳсил дар ин донишгоҳро шурӯъ намудааст. Вале миқдори маблағи шартнома 11 миллион сӯмро ташкил мекунад. Бидуни шак, барои ҷавоне, ки касе надорад, партохти ин пул мушкилот эҷод мекунад. Муҳриддин ба ман мурочиат кард, ки аз ин бӯҳрон чӣ гуна наҷот ёбад. Ба вай гуфтам, ки бо ин масъала ба қабули ҳокими вилоятамон Хайрулло Бозоров медароем,– изҳор кард Шермуҳаммад Деҳқонов.

– Дар “Хонаи соҳибкорон”-и вилоят ҳар ҳафта рӯзи душанбе Хайрулло Бозоров мурочиатчиёнро қабул мекунад,– мегӯяд Шермуҳаммад Деҳқонов.

Дарвоқеъ, нуктаи муҳиме, ки зимни мулоқоти ҳоким бо мурочиаткунанда ба мушоҳида мерасад, тамкину таҳаммул ва бидуни саросемагӣ шунидани ҳарфҳои мурочиаткунандагон мебошад. Ба гуфтаи Деҳқонов пеш аз он ки масъалаи Муҳриддин Норқӯзиевро дар ҳузури Хайрулло Бозоров матраҳ кунанд, ду нафар тарбиятгирандагони собиқи хонаи меҳрубонии рақами 1-уми шаҳри Марғелон Рачаб Қамчибоев ва Василий Похожихро ҳокими вилоят ба наздаш хонд.

– Баъди ин мулоқот Бозоров ваъда дод, ки барои баргузории тӯйи арӯсии Василий кӯмаки молӣ мерасонад. Вай амр намуд, ки аз ҳисоби маблағи имдодӣ ба Рачаб ду миллион сӯм кӯмаки моддӣ ихтисос ёбад.

Бар асоси номаи ҳокими вилоят, ки ба унвони маъмурияти Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд ироа шудааст, деканат Муҳриддин Норқӯзиевро ба шумори донишҷӯёне шомил намудааст ва вайро огаҳ кардааст, ки баъди таътили зимистона таҳсилашро идома диҳад.

Ногуфта намонад, ки қабл аз сафар барои идомаи таҳсил ҳокими вилояти Фарғона ба Муҳриддин Норқӯзиев сару либоси гарм, шиму костюм, воситаҳои гигиенӣ ва қаламу дафтар низ харидорӣ кардааст.

Ба гуфтаи Шермуҳаммад Деҳқонов ҷавонони аз хонаҳои меҳрубонӣ фориғшуда то ёфтани сару калоба ва ишғоли ягон ҷойи кор ба кӯмакҳои моддиву равонӣ ниёз доранд. Инро ҳокимияти вилояти Фарғона хеле ба хубӣ эҳсос намудааст. Ба гуфтаи блогнавис Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои охир ҷиҳати расонидани чунин кӯмакҳои моливу равонӣ ба фориғшудагон ва тарбиятгирандагони хонаҳои меҳрубонӣ ғамхориҳои зиёд мекунанд.

– Дар арафаи соли нави 2021 як гурӯҳ тарбиятгирандагони хонаҳои меҳрубонӣ ба ҳокимияти вилоят даъват карда шуданд. Барои онҳо тухфаҳои зиёд тақдим гардид. Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт. Ҳамчунин бо саъй ва эҳтимоми Хайрулло Бозоров бо бархе аз ин ҷавонон суҳбату мулоқотҳои самимӣ баргузор гардид. Чанде муқаддам ҳокимияти шаҳри Фарғона низ дар пайравӣ ба ҳокимияти вилоят корҳои шоён ба анҷом расонид, – исрор варзид Шермуҳаммад Деҳқонов.

Соли гузашта як гурӯҳ тарбиятгирандагони собиқи хонаҳои меҳрубонӣ соҳиби хонаҳои худ шуданд. Вай мегӯяд, ки иҷрои чунин кори неку савоб дар соли нави 2021 низ барномарезӣ шудааст. Интизор меравад, ки бо анҷоми корҳои сохтмонӣ боз як гурӯҳи калони собиқ тарбиятгирандагони хонаҳои меҳрубонии шаҳрҳои Фарғона, Марғелон ва Қӯқанд дар хонаҳои худ маросими бурёкӯбон барпо мекунанд.

– Шумо ба ҳайси собиқ дастпарвари хонаи меҳрубонӣ ва блогнавис машғули таҳқиқи масъалаҳое ҳастед, ки маҳз таъмини ҳамтоёни шумо бо манзил, ҷойи кор ва идомаи таҳсилот дар макотиби олӣ мебошад. Дар айни ҳол вазъиятро чӣ гуна баррасӣ мекунед?

– Дар вилоятамон корҳои неку савоби зиёд анҷом дода мешаванд, ки бешубҳа, боиси сарфарозиҳои ҳамтоёни ман гаштааанд. Худи ман низ соҳиби манзили духӯҷраи ҳастам ва ҳоло дар Донишгоҳи ҳуқуқшиносии Тошканд ғоибона таҳсил мекунам. Ба ман борҳо кӯмакҳои молӣ расонидааанд. Хеле ифтихор мекунам, ки шаҳрванди чунин кишвар мебошам, ки мо барин ятимону саҳрон низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор дорем.

– Дирӯз боз чанд нафар аз тарбиятгирандагони собиқи хонаҳои меҳрубонӣ ба қабули ҳокими вилоят омаданд. Мурочиатҳо аз тарафи Хайрулло Бозоров бо камоли майл шунида шуд. Умедворем, ки ин мурочиатҳо низ ба зудӣ ҳаллу фасл хоҳанд шуд, – гуфт Деҳқонов.

Қобил ба ёдоварист, ки ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров рақами хусусии шабакаи телеграми худро аз тариқи телевизиони вилоят ба мардум эълон кардааст ва ҳар шахси дилхоҳ метавонад ба ӯ аз тариқи ин шабака мурочиат кунад ва дар ҳаллу фасли мушкилоташ кӯмак хоҳад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.
Вилояти ФАРҒОНА.

Ёдбуд

Дар байни пажӯҳишгарон нафароне ҳастанд, ки баъди ба даст даровардани дастовардҳои илмӣ ва ба назари заршиносони соҳа афтидан низ, аз таълифоти худ қонеъ нагардида, роҳҳои дигари тафаккури илмиро интихоб менамоянд. Доктори илмҳои филологӣ, навоишиноси дақиқназар Абдусалом Абдуқодиров аз зумраи чунин пажӯҳишгарон буд.

ПАЖӮҲИШГАРЕ АЗ ҲАВУТАК

Олими ояндаи бисёрҷанба Абдусалом Абдуқодиров соли 1949 дар деҳаи Ҳавутаки ноҳияи Деваштичи Тоҷикистони бародарӣ дида ба дунё кушодааст. Баъди хатми мактаби миёна Абдусалом як муддат китобдор ва омӯзгор буд. Баъди адои хидмати ҳарбӣ ӯ соли 1970 дар факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (ҳоло Суғд) ба таҳсил пардохт. Тӯли панҷ соли таҳсил бо баҳои аъло хонд, яке аз фаъолони ҷамъияти илмии донишҷӯён, маҳфилҳои фанни забон ва адабиёт буд, дар анҷуманҳои илмии донишҷӯён маърӯза мекард...

Баъди хатми донишкада А. Абдуқодиров як муддат дар мактаби рақами 7-уми ноҳияи Деваштич ба хонандагон аз фанни забон ва адабиёти ӯзбек дарс гуфт. Вале муҳаббат ба илм ва корҳои тадқиқотӣ ӯро ором намегузошт. Ин буд, ки ӯ соли 1976 ба даргоҳе, ки худ таълим гирифта буд, бармегашт: аввал лаборанти кафедраи забон ва адабиёти ӯзбек буд, сипас омӯзгорӣ кард. Омӯзгори ҷавон аз рӯзҳои аввали кору фаъолият саъю кӯшиш ба харҷ медод, ки корҳои омӯзишӣ, тарбиявию маърифатӣ ва услубиро ба ҳам оштӣ диҳад. Ҳамон солҳо вай ба омӯхтани масъалаҳои анъана ва хусусияти ба худ хоси шеъри шоирони ӯзбеки даври Ҷанги дуюми ҷаҳон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, тавассути мақолаҳои соҳавӣ ва мақмӯаҳои илмӣ даҳҳо мақоларо аз қабили «Ғоя ва образи шеърӣ», «Давр, услуб ва образи шеърӣ», «Образи шеърӣ ва назарияи инъикос» ба алоқамандони каломи бадеъ пешниҳод намуд. Чанд сол ба дунболи мавзӯи худ гашт, дар ин хусус бо устодон ва донишмандони соҳа табодули афкор намуд. А. Абдуқодиров соли 1986 дар маҷлиси Шӯрои илмии ихтисосонидашудаи назди Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон доир ба мавзӯи «Образҳои шеърӣ дар шеъриятӣ ӯзбеки давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» рисолаи номзадиашро дифоъ намуд.

Комёбии нахустин дар ҷодаи илм ба олими ҷавон болу пар бахшид. Ин аст, ки солҳои бори вазифаи мудири кафедра ва декани факултаро бар дӯш доштан, лаҳзае аз тафаккури илмӣ фориғ набуд. Олими дар олами адаб ба сифати шеършинос ташаккулёфта баъдан саъй кард, ки моҳияти ботинӣ ва зоҳирии образи шеъриро дар шеъри классикӣ кашф бинамояд. Ба ин мақсад ӯ аз нигоҳи интиқодӣ ба омӯхтани осори шоир ва мутафаккир Алишер Навоӣ пардохт. Тадқиқи ин кор ӯро ба ҳузури навоишиноси номвар, профессор, барандаи ҷоизаи давлатӣ А. Ҳайитметов овард.

Пайдост, ки дар аҳди шӯравӣ тадқиқот дар самтҳои маърифати исломӣ, тасаввуф ва адабиёти бадеӣ манъ шуда буд. Дар ҳамон солҳои душвор А. Ҳайитметови дурандеш ба ӯ тавсия дода буд, ки доир ба мавзӯи «Навоӣ ва тасаввуф» корҳои тадқиқотӣ анҷом диҳад. А. Абдуқодиров саъю кӯшиш ба харҷ дод, ки осори шоирро дар асоси аҳкоми исломӣ ва тасаввуф амиқ дарк намояд. Тӯли қариб даҳ сол масъаларо ҳамачониба омӯхта, дарёфтҳояшро дар анҷуманҳои байналхалқие, ки дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон баргузор мешуданд, ба самъи иштирокдорон мерасонд, ба алоқамандони каломи бадеъ тавассути мақолаҳояш, ки ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ интишор меёфтанд, пешниҳод мекард. Дар ин ҷараён чанд монографияю рисолаҳои ӯ мисли «Навоӣ ва тасаввуф», «Навоӣ ва нақшбандия», «Навоӣ ва таълимоти вахдат-ул-вуҷуд», «Алишер Навоӣ ва талқини вахдат-ул-вуҷуд дар эҷодиёти салафони ӯ» ба дасти чоп расиданд. Ин таълифот аз ҷониби донишмандони соҳа баланд арзёбӣ гардиданд. Меҳнати ӯ бесамар нарафт. Абдуқодиров соли 1998 дар маҷлиси Шӯрои илмии ихтисосонидашудаи назди Донишкадаи забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон доир ба мавзӯи «Тасаввуф ва эҷодиёти Алишер Навоӣ» рисолаи докториашро дифоъ намуд.

Олими фарохназар дар тӯли фаъолияти худ ба омӯхтани паҳлӯҳои гуногуни робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек ва тарғибу ташвиқи онҳо рӯйи эътибор гардонд. Таълифоти доктори илмҳои филология А. Абдуқодиров «Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ», «Навоӣ ва Ҳилолӣ», «Садриддин Айнӣ ва Навоӣ», «Алишер Навоӣ ва шоирони классики тоҷик» далели ин гуфтаанд. Мунаққид дар баробари ин бобати ба хонандаи ӯзбек пешниҳод намудани дуру гуҳарҳои шеъри форсӣ заҳмат кашид. Тӯли солҳои 2012-2019 бо ташаббуси А. Абдуқодиров тарҷумаи «Панднома»-и тоҷик иборат аз ҳафт китоб аз тариқи нашриёти «Нури маърифат» интишор дода шуд. Китоби дарсии ӯ «Адабиёти ӯзбек» дар мактабҳо мавриди истифода қарор гирифтааст.

То солҳои 80-уми асри сипаригардида аҳли илм дар он андеша буданд, ки алломаи самарқандӣ Имом Мотрудӣ танҳо бо забони арабӣ эҷод кардааст. Дар ибтидои солҳои 90-ум маълум шуд, ки ҳамватани бузурги мо бо забони форсии тоҷикӣ низ таълифоти кам надоштааст. А. Абдуқодирови ҷӯянда пандномаи олими бузургро аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ гардонда, боз як кори хайрро анҷом дод.

Ҳар омӯзгоре, ки дар муассисаҳои таълими олӣ дарс медиҳад, дар тӯли фаъолияти хеш, дар баробари аз корҳои илмию услубӣ бархурдор будан, бояд бо ягон ҷиҳати он сарукор дошта бошад. Агар бисоти ин эҷодкори заҳматписандро аз назар гузаронед, гувоҳи он мегардед, ки мударрис аз ӯҳдаи ин кор низ баромадааст. Чунин ба назар мерасад, ки навиштани китобҳои дарсӣ, омода кардани маҷмӯаҳои гуногуни дастурӣ барои донишҷӯёни факултаҳои забон ва адабиёти ӯзбек ва мактабиён яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи ӯ будааст. Ин гуфтаро таълифоти олим «Китобҳои дарсии адабиёт», «Таърихи адабиёти ӯзбек», «Назарияи адабиёт», «Панҷ дарс аз арӯз», «Таълими сохтори ҳиҷоӣ», «Хониши ифоданок», «Шеършиносӣ» (барои синфҳои 9-10) собит менамояд. А. Абдуқодиров дар тӯли солҳои 2013-2019 чор китоби «Пандномаи ӯзбек»-ро, ки дорои аҳамияти калони тарбиявию маърифатиянд, интишор намуд.

Барои хидматҳои шоёнаш дар роҳи рушди таълими олию миёна соли 2015 ба А. Абдуқодиров унвони профессорӣ дода шуд. Дар баробари ин ҳама ӯ раҳнамои беминнати пажӯҳишгарони ҷавон низ буд. То имрӯз ҷавонони боистеъдоди зиёде таҳти роҳбарии А. Абдуқодиров рисолаҳои номзадии худро дифоъ намудаанд.

Фикр мекунед, ки барои як олим ин миқдор заҳмат кам нест. Вале доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Абдуқодиров фикр мекард, ки ҳар як фидоии касб ва инсони меҳанпарвар бояд инсони заҳматписанд бошад. Таассуф, ки дили чунин инсони заҳматписанд, ки чун ғаввос дар дарёи илм фурӯ рафта, аз қаъри он ба халқаш дуру гуҳарҳои маънавиро эҳдо мекард, охири соли сипаригардида аз задан бозмонд.

Ҳамидҷон ҲОМИДӢ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор.

Дар доираи ҷашнвораи ҷавонон дар маҳаллаи Бешбулоқи ноҳияи Янгиқӯрғон маросими ифтитоҳи корхонаи «Мадина Шоҳрух текстил» баргузор шуд.

Ҷойҳои нави корӣ офарида шуд

Дар натиҷаи ба амал татбиқ намудани лоиҳаи мазкур наздик ба 300 ҷойи нави корӣ офарида шуд.

130 нафар ҷавон ва 50 нафар шаҳрвандоне, ки ба «дафтари оҳанин» дохил шуда буданд, бо кор таъмин шуданд. Қувваи истеҳсоли солонаи корхона 2,5 миллион дона маҳсулоти тайёри трикотажӣ мебошад.

Ҳоло оиди васеъ гардондани корхона корҳои амалӣ бурда мешаванд.

– Кушода шудани чунин корхонаҳо дар мавзеи дурдасти кишварамон барои таъмини ҷавонони номуташаккил аҳамияти муҳим дорад. Музди муносиби кор ва ҷойи тайёри корӣ бовариии онҳоро ба оянда меафзояд. Акнун ҳоҷати ба хориҷ баромада кор кофтан намонд, – гуфт ҳокими вилоят дар маросими ифтитоҳи ҷашнвора.

Ҳокими вилоят ва роҳбарони секторҳо бо маҳсулоти истеҳсоли корхона ва шароитҳое, ки барои коргарон офарида шудааст, шинос шуданд.

Шоҳида Даминова.
Вилояти НАМАНГОН.

Ёдбуд

ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО БУД



Моҳи майи соли 2008 буд. Пагоҳе телефони дастиам занг зад. Рақамҳояш ношинос.

– Ало, Солеҳ, ин худат? Э, хайрият зинда будай. Мана шинохтӣ? О, ман Сарвар Бобоев.

– Э, чӯра, наҳод ин худат, домоди самарқандиҳо бошӣ? – гуфтам, – аз кучо занг мезанӣ? Овозат аз паси девор барин бисёр ҳам шунаво.

– Аз хонаи худам. Аз Шӯрезак. Хайр, боқимондаи гапа дар назди бинои музейи Устод Айнӣ, фардо соати даҳ давом медиҳем, фаҳмидӣ? Вохӯрии ҳамкурсонро бо машаккате ташкил кардем.

– Сарвар, ту моён – самарқандиҳоро дар ҳиҷолат монондӣ. Охир, ин корро мо бояд ташкил мекардем.

– Ҳеҷ гап не, самарқандиҳо меҳмондориро ташкил кунанд, бас, – гуфт вай дар ҷавоб.

– То боздид, Сарвар (ман ӯро ҳанӯз аз овони донишҷӯиамон ҳамин тавр меномидам).

Хотираҳоям бевосита ба солҳои сипаришудаи дур парвоз карданд.

Айёми донишҷӯйӣ дар Донишкадаи омӯзгории Самарқанд солҳои 1970-1974. Дар саҳни ҳавлии донишкада байни растаҳои гул нимпайкараи устод, асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ бо як салобате ба дохилшудагон менигарад ва гӯё «Марҳамат, толибилмон, асосҳои илмро чуқуртар биомӯзед!» мегӯяд.

Факултаи филологияи тоҷик дар қабати сеюми бино ҷойгир буд. Мо – донишҷӯён дар бадали чор сол дар паси партаҳои ҳамин таълимгоҳ ба ғаму шодии ҳамдигар шарик будем, аз пешравиҳои ҳамкурсон меболидему аз ноомади корашон дар ташвиш будем. Чор соли таҳсил чун хобу хаёли ширин гузашт.

Баъд... чун хӯшаҳои дони гандум ба чор тараф пош хӯрдем. Ман бо Бахтиёри Ҷумъа (ҳоло нависандаи ҳаҷвнигор) ва шодравон Хуррам Рӯзиев аз рӯйи тақсимот ба ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё ба кор рафтем. Баъзеҳо дар ҷойҳои худ монданд, гурӯҳе дипломҳоро ба сандуқ андохтанду аз паси кори дигар шуданд.

Ман дар он ҷо ду соли расо кор кардам, Бахтиёр пас аз як сол дар Кумитаи радиошунавонии Тоҷикистон кор ёфт, Хуррам ба зодгоҳ баргашт.

Дӯстам Сарвар Бобоев дар ноҳияи Сайҳунободи Сирдарёи худаш ба кори омӯзгорӣ пардохт. Ҳамагӣ чор солакак ба шогирдон сабақ омӯхт. Хоҷагии онҳо хоҷагии пахтакорӣ буд. Роҳбарони ҳамонвақтаи колхозашон қобилияти нотакрори Сарварро пай бурда, ба кори масъули хоҷагӣ даъват карданд. (Вай ҳанӯз дар вақти донишҷӯйӣ комбайни пахтачиниро идора карда метавонист). Пас аз он, Сарвар дар вазифаҳои гуногун то дами ба нафақа баромадан дар хидмати хоҷагии қишлоқ монда, ба эҳтироми ҳамдиёронаш сазовор гашт. Ҳатто якчанд маротиба ба гирифтани ифтихорномаҳо мушарраф гардид. Дар кучое набошад, дар кадом вазифае набошад, фақат аз паси меҳнати ҳалол обрӯ ёфт.

Дар дили ӯ заррае ғубор набуд. Барои ба дидори дӯстон расидан масофа ба вай фарқ надошт. Ӯро гоҳ дар Сӯх медидед, гоҳи дигар дар Шофиркон, баъзан занг мезад, ки ман дар Деҳқонободам ва пагоҳ бояд дар Шӯрчӣ, дар хонаи дӯстам Тоҳир Зокиров, фардо, албатта дар хонаи Сангини Каромат мешавам.

Ҳамин тавр, қариб дар ҳамаи гӯшаву канори диёрамон, дар хонадони шарикдарсон мешуд. Шояд мақоли «дидадаро шав – ба дида ҷо шав» айнан барои Сарвар барин инсонҳо гуфта шуда бошад. Дӯстам дилёб буд, ба қадри дӯстӣ мерасид.

Сарвар қариб тамоми ҳамкурсони худро «ту» гуфта, мурочиат мекард. Ва ин хислаташ ба худаш мезебид. Ҳазлҳои бефашаш дили касро ба фарах меовард. Ниҳоят дилкушоду хушчақчақ ва меҳрубони шарикдарсҳо буд. Охирҳои таҳсиламон ба зебосанами самарқандӣ – Меҳрӣ (вай як курс боло таҳсил менамуд) дил басту домоди Самарқанд гардид.

Сарвар Бобоев ба маъноии томаш пайвандгари дилҳо буд. Тасаввур кунед, ки барои вохӯрии ҳамкурсонро ташкил кардан вай аз водӣ сар карда, то Бухорою Қашқадарёву Сурхондарё (мо- дар як курс 27 нафар таҳсил менамудем ва аз нисф зиёдашон аз вилоятҳои дурдаст буданд) бо ҳар яке занг зада баромадан ниҳоят душвор буд ва вақти бисёрро талаб мекард. Вале, барои Сарвар ин кор душворӣ накард, зеро як пояш дар Самарқанд буд.

Вохӯрии 35-солагии хатми донишкадаамонро тобистони соли 2008 гузарондем. Мо, донишҷӯёни собиқро дар сари мизи пурнозу неъмати тарабхонаи «Каримбек» муттаҳид кард. Он рӯзи нек шодию хурсандии ҳамсабақон интиҳо надошт. Аз ҳамкурсон фақат Сарвар ва Камол Бердиеви бухороӣ бо ҳамсарони худ омада буданд.

Дар охир Сарвар пешниҳод кард, ки ҳар сол дар ҳамин санаву ҳамин соат боз ба дидор расем. Ҳамсабақон ин таклифи ӯро дастгирӣ карданду то ба ҳамин қарибиҳо бе ҳеҷ мамониат сари як пиёла чой ҷамъ меомадем. Суҳбатҳои ширинамон дар хонаҳои дӯстон то як дерии шаб давом мекарду аз дидори якдигар сер намегаштем.

Сарвар дар ҳар як нишаст гӯё садри маҷлис буд. Ба ҳар яки мо бо навбат сухан медод. Одоби муоширатро хуб риоя мекарду ҳозиронро бо латифаҳои намакинаш механдонид.

Баҳори соли гузашта боз як ҳамкурси самарқандиам Муҳайбин Адашуллоев, ки солҳои зиёде дар шуъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд адои вазифа намудааст, ба таври ногаҳонӣ занг зад:

– Ба хайр, Муҳайбин? Тинчӣ?

– Сарвар гузаштааст.

– Чӣ? Чиҳо мегӯед, дӯстам? – ба сарам дарде даромад.

– Додо хабар расонд, ҷӯра. Додоро медонед--ку!

– Медонам-медонам, – забонам лол гашта буд. (Додо дӯсти наздики Сарвар ва ҳамсояи девордармиёни ӯ буд).

– Муҳайбин, ҳеҷ бовариам намеояд... охир як ҳафта пеш ман бо ӯ телефонӣ гап зада будам.

– Ман ҳам, дӯстам.

Ба дасту поям ҷон намонда, хеле ба худ наомадам. Охир, дӯстам Сарвар Бобоев дар дил орзую ниятҳои бисёре дошт. Фарзандонаш Анварҷону Умедҷонро бо як меҳри бузурги падарона мепарварид. Писари калониаш Анвар бо оилааш дар кишвари Норвегия хидмат менамуд. Хурдиаш Умедҷон дар мактаби зодгоҳашон бо таълиму тарбияи хонандагон машғул буд.

Хотираи дурахшони дӯсти азизамон Сарвар Бобоев дар дилу дидаи мо, ҳамсабақон як умр боқӣ мемонад.

Солеҳ САИДМУРОДОВ.
Вилояти САМАРҚАНД.

Ташкилоти таълими томактабии дар асоси шарикии давлатӣ-хусусӣ ташкилшудаи «Изюминка» воқеъ дар мавзеи Қӯшариқи шаҳри Андиҷон ба истифода супурда шуд.

Барои ба амал баровардани ин лоиҳа 1 миллиарду 900 миллион сӯм аз ҳисоби худи «Изюминка», 4 миллиарду 400 миллион сӯм аз ҳисоби воми бонк, ҷамъ 6 миллиарду 300 миллион сӯм сарф карда шуд. Дар муассисаи замонавӣ ба 200 нафар кӯдакон забонҳои англисӣ, русӣ, корейсӣ ва сабақҳои компутерӣ омӯзонида мешавад.

Дар сурат: *дар ташкилоти таълими томактабии «Изюминка».*

Суратгир:
З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

Маскани нави тиббӣ фаъолияташро оғоз кард

Дар доираи ҷашнвораи ҷавонон дар маҳаллаи Водии ноҳияи Янгиқӯрғон Маркази тиббӣ ва ташхиси «Yan Med Diagnostika» фаъолияташро оғоз намуд.

Дар барпо кардани марказ 6 млрд. сӯм харҷ гардида, ба ивази 2 млрд. сӯм аз Чин таҷҳизоти тиббии замонавӣ оварда, муҷаҳҳаз гардонида шуд. Ходимони марказ метавонанд, дар як вақт ба 70 нафар бемор хидмати тиббӣ расонанд.

Дар ин ҷо табобати касалиҳои гинекологӣ, урологӣ, кардиологӣ, лор ва амалиёти клиникии лабораторӣ-биокимиёвӣ ба роҳ монда шудааст.

50 нафар занон ва ҷавононе, ки дорои маълумоти тиббианд, бо кор таъмин гардиданд.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов дар маросими ифтитоҳи марказ иштирок кард. Ӯ аҳолии ноҳияро муборакбод намуда, дар кори пурмасъулияти духтурон муваффақиятҳо таманно намуд.

Шоҳида ДАМИНОВА.
Вилояти НАМАНГОН.

Андешаҳо

КИТОБ, РӮЗНОМА ВА ЗАБОНИ АДАБӢ

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

Интишори китоб аз нодиртарин кашфиёт ва дастоварди инсоният аст. Он пайвандгари гузаштаи дуру наздик ба имрӯз ва ҳидоятгари инсоният ба оиндаи дурахшони зиндагист. Китоб муҳимтарин сарчашмаи дониш аст. Кашфиётҳои навини инсоният зимни қиёси донишҳои пешин ва навин рӯйи кор оянд, ки дар китобҳо сабт ёфтаанд. Комёбиҳои илмӣ чун мушкилкушои инсоният баҳри беҳбуди зиндагӣ ва фаровонҳолии ӯ хизмат мекунанд. Илму дониш асоси ҳама гуна пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди техникаву технологияи навин аст. Ҳикмати Имом Бухорӣ дархӯрди матлаб аст: «Ба ҷуз аз илм наҷоте нест ва нахоҳад буд».

Китоб муҳимтарин сарчашмаи ташаккули маънавият, идроки ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, худшиносию худогоҳии инсоният буд ва чунин хоҳад монд. Инсон чун ҷузъи табиат бо маънавияташ аз дигар оламе зиндаи он тафовут дорад. Китоб дӯсти беғараз, дар танҳоӣ нодиртарин ҳамсуҳбат, манбаи панду ҳикмат аст. Китоб ягона манбаест, ки инсонро ба ростию росткорӣ ҳидоят мекунад. «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» ғояи асосии «Авасто»-ст, ки ба забони қадимаи мо – тоҷикон офарида шудааст.

Китоб сарчашмаи худшиносию худогоҳӣ, озодандешӣ ва созандагию бунёдкорист. Ҳар он ки бо китоб сару кор дорад, дорои ҷаҳонбинии васеъ аст, мавқеъ ва мақоми худро дар ҷомеа ба хубӣ муайян карда, ба мавқеи сазовор ноил мегардад.

Китоб ба ташаккули равонии забон ва ҳусни баён (нутқ) кӯмак мерасонад. Шахси китобхон ва шеърдон ҳамеша нутқи равон, зиҳираи ғанӣ луғавӣ дорад. Ин гуна ашхос ҳеҷ гоҳ аз душвории забони китобу расонаҳои даврӣ наменоланд. Ин андешаро озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки нимаи аввали моҳи декабри соли 2020 дар Душанбе-шаҳр баргузор гардид, собит сохт. Озмун бинобар панҷ самт (адабиёти бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти классикии форсу тоҷик, адабиёти ҷаҳон ва фаъолияти шоирӣ) баргузор гардид. Дар он қишрҳои гуногуни ҷомеа (омӯзгорон, донишҷӯён, донишҷӯёни бахшҳои техникӣ, кормандони оддии сохтмон ва ҳатто писарбачаи шашсола) фаъолона ширкат доштанд. Дар иҷрои писарбачаи шашсола қироати достонҳо аз «Хамса»-и Низомӣ, достонҳо аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ғазали «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ ва ҷавобҳояш ба пурсишҳои ҳайати ҳакамон хотирмон буданд. Посухҳои бинокори оддӣ низ хеле ҷолиб буд. Ӯ собит намуд, ки аз адабиёти муосири тоҷик огоҳии хуб дорад. Мувофиқи низоми озмун ҳар як довталаб 30-40 роман, 50-60 повесту қисса хонда, садҳо ғазалу рӯбоию дубайтӣ, достонҳои шоиронро пурра аз ёд мегуфт. Ҷараёни озмуни ҷумҳуриявӣ аз тариқи ҳамаи шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон намоиш дода шуд. Бешубҳа, озмуни ҷумҳуриявӣ дар ҳаёти фарҳангии кишвари ҳамсоя воқеаи нодир буд. Зеро озмун талоши ақлу хирад аст.

Ман ҳар рӯз намоишҳои ин озмунро соатҳо тамошо карда,аз онҳо лаззати маънавӣ гирифтам. Боре ба мактаб рафта, аз озмун ва муҳтавои он ба муаллимон нақл кардам. Хостам матни электронии барномаҳои озмунро ба мактаб диҳам, то дар телевизор ва компутерҳои мактаб гузоранду хонандагон низ аз он лаззати маънавӣ баранд. Муаллими ҷавоне ба пешниҳодам зид баромад. Касе ҷонибдорӣ накард. Ӯ гуфт, ки дар кишвари мо ҳам озмунҳо мешаванд.

Гуфтам: албатта, баргузор мегарданд, вале на ба забони модарии мо. Шармаш омад, хомӯш шуд.

Дар мамлакати мо низ китобдорию китобхонӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ боло бурда шуд. Яке аз панҷ ташаббуси Президент низ китобдорию китобхонӣ аст. Гузаронидани озмуни «Китобхони сол» ва мукофотонидани ғолибон, ҳатто бо мошин, далели дахолати давлат ба масъалаи китобхонист. Маҳз туфайли китобхонию китобдӯстӣ ҷавонони соҳибмаърифати ватандӯст, оқилу доно, созандаю бунёдкор, соҳибкорони дорои ҷаҳонбинии васеъ ба майдон меоянд. Ояндаи дурахшони кишвари азиз ба онҳо тавъам аст. Аз китобхонӣ захираи ақлҳо пайдо мешавад, ки дар оянда ба рушди кишвар кӯмак мерасонад. Китобхонӣ муҳимтарин манбаи дигаргунии сифатӣ дар тафаккури инсон аст. Ба ин мақсад дар Ватани мо ва кишварҳои дигар низ мардум барои китобхонӣ ҳавасманд карда мешаванд. Озмун заврқи китобдӯстию китобхониро бедор ва дучанд мекунад.

Барои соҳибкори варзидаю соҳиби ҷаҳонбинии васеъ донистани як-ду забон кам аст. Зеро ҳудуди истеъмоли онҳо нисбатан маҳдуд мебошад. Имрӯз бидуни сармояи хориҷӣ, тараққӣ додани иқтисодиёт, умуман соҳаҳои хоҷагии халқ мушкил аст. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ бошад, забони хориҷӣ шарти муҳим.

Фармудааанд, ки:

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забонаш осон гардад.

Хуб, суоле ба миён меояд: оё мо забони модариамонро хуб медонем? Оё ба забони адабии тоҷикӣ, ки ба он Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Беруниӣ, Низомию Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомию Мирзо Улуғбеку Навоӣ ва ҳазорҳо бузургони дигар осори мондагори оламгир ба мерос гузоштааанд, ҳарф зада метавонем? Ва оёҳо зиёданд!

Посух, дақиқ, на!

Зеро китобу рӯзномаю маҷалла намехонем ва ё кам мехонем. Ибораи «забони китобу рӯзномаҳо душвор» як баҳона асту халос. Ба мероси ачдодӣ лоқайд шудаему аз адабиёти муосир ноогоҳ. Чун намехонем, забони адабиро намедонем. Ин ҳақиқати ҳол аст. Бо ин аҳвол аз чаҳорчӯбаи шеваи маҳалли худ дур намеравем.

Дар қисмати шимолии силсилакӯҳҳои Нурато даҳ мактаби соф тоҷикӣ фаъолият доранд: панҷтои он дар вилояти Навоӣ ва панҷтои дигар воқеъ дар вилояти Ҷиззах мебошанд. Тақрибан ҳамаи маҳалҳо шеваи хоси худро доранд. Дар ноҳияи Зафаробод ва Пахтакори вилояти Ҷиззах, ки дар он ҷойҳо аз аҳолии ин маҳалҳо рафта муқим шудааанд, борҳо ба мушоҳида расидааст, чун ҷавони ухмӣ бо духтари эҷӣ ва ё баръакс оиладор шуданд, дар оила ба забони тоҷикӣ ҳарф намезананд, фарзандони онҳо низ. Зеро онҳо шеваи ҳамдигарро дуруст намедонанд. Ин натиҷаи лоқайдӣ ва беэътиборӣ асту бас. Мо ба ин эътироз надорем, интихобо забони адабиро намедонанд. Ин ҳақиқати ҳол аст. Ба ин аҳвол аз ҷаҳорчӯбаи шеваи маҳалли худ дур намеравем.

Дар ҳаҷмати шимолии силсилакӯҳҳои Нурато даҳ мактаби соф тоҷикӣ фаъолият доранд: панҷтои он дар вилояти Навоӣ ва панҷтои дигар воқеъ дар вилояти Ҷиззах мебошанд. Тақрибан ҳамаи маҳалҳо шеваи хоси худро доранд. Дар ноҳияи Зафаробод ва Пахтакори вилояти Ҷиззах, ки дар он ҷойҳо аз аҳолии ин маҳалҳо рафта муқим шудааанд, борҳо ба мушоҳида расидааст, чун ҷавони ухмӣ бо духтари эҷӣ ва ё баръакс оиладор шуданд, дар оила ба забони тоҷикӣ ҳарф намезананд, фарзандони онҳо низ. Зеро онҳо шеваи ҳамдигарро дуруст намедонанд. Ин натиҷаи лоқайдӣ ва беэътиборӣ асту бас. Мо ба ин эътироз надорем, интихобо забони адабиро намедонанд. Ин ҳақиқати ҳол аст. Ба ин аҳвол аз ҷаҳорчӯбаи шеваи маҳалли худ дур намеравем.

Дар ҳаҷмати шимолии силсилакӯҳҳои Нурато даҳ мактаби соф тоҷикӣ фаъолият доранд: панҷтои он дар вилояти Навоӣ ва панҷтои дигар воқеъ дар вилояти Ҷиззах мебошанд. Тақрибан ҳамаи маҳалҳо шеваи хоси худро доранд. Дар ноҳияи Зафаробод ва Пахтакори вилояти Ҷиззах, ки дар он ҷойҳо аз аҳолии ин маҳалҳо рафта муқим шудааанд, борҳо ба мушоҳида расидааст, чун ҷавони ухмӣ бо духтари эҷӣ ва ё баръакс оиладор шуданд, дар оила ба забони тоҷикӣ ҳарф намезананд, фарзандони онҳо низ. Зеро онҳо шеваи ҳамдигарро дуруст намедонанд. Ин натиҷаи лоқайдӣ ва беэътиборӣ асту бас. Мо ба ин эътироз надорем, интихоби забони адабиро ихтиёрист, ин ҳуқуқи онҳост. Вале набояд фаромӯш кард: «марги миллат аз марги забон сар мезанад ва марги забон аз соҳибзабон». Забони форсии тоҷикӣ дар давоми ҳазор сол дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва аз Эрон то Ҳиндустон забони коргузорӣ буд. Дар ҳадисе омада: «Забони аҳли биҳишт арабӣ ва форсии дарист».

Моҳи октябри соли 2020 буд. Чор шумораи нашрияи «Ховар»-ро (ҷамъ 20 дона) ба калонтарин мактаби кӯҳпоя расонидам. Пас аз ду моҳ, аниқтараш моҳи декабр ба мактаб рафтам, то пули онҳоро бигирам. 18 рӯзномаро баргардонидам. Худ қазоват намоед, муаллимони калонтарин мактаби кӯҳпояи Нурато аз 20 рӯзномаи 3000 сӯмӣ танҳо ду донаро гирифтаанд. Ба се шумораи дигар даст ҳам назадааанд.

Рӯзномаҳоро гирифта ба толори мактаб баромадам. Ба ошёнаи якум фуромадам. Аз овезаҳои деворӣ ошкор буд, ки дар ин мактаб аз забони ноби тоҷикӣ тақрибан нишоне нест. Ҳатто ҷадвали дарсӣ тоҷикӣ сабт наёфтааст. Аз муқобилам ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбияи мактаб баромад. Пурсидам, соли равон чанд нафар хонандаи мактаб донишҷӯ шуд? Маълум гардид, ки ягон нафар ба мактаби олӣ дохил нашудааст.

Дар бораи китоб ва моҳияти он чанд андешаи худро гуфтам. Инак, андешае чанд доир ба афзалияти рӯзнома дар омӯзиши забон. Рӯзнома ахбори ҳаррӯза аст. Бигирем, дар «Овози тоҷик» оид ба иқтисодиёт, сиёсату фарҳанг ва ғайра матолиби зиёд дарҷ меёбад. Дар ин раванд калимаҳои иқтибосӣ бештар дучор меоянд. Шояд ин омилро Устод Айнӣ пайгирӣ намуда, рӯзномаро забони миллат арзёбӣ карда буд. Мо агар рӯзнома нахонем, аз кучо маънӣ ва моҳияти калимаҳои иқтибосиро дарк мекунем?!

Бидуни мутолиаи китобу рӯзнома забони адабиро наметавон омӯхт. Оқибати нангини чунин рафтори соҳибзабононро Мирзо Ҷалол дар шумораи сеюми «Бухорои шариф» аз 14 марти соли 1912 таъкид намуда буд: «Форс миллати махсус буда, дар атрофи олам порча-порча шуда, бисёр аҳвоми махлут гардидааанд. Бо ин ки ҳама як қавманд, мебинӣ, ки бухорӣ забони самарқандӣ, ҳар ду забони хуросонӣ, ҳар се забони кошонӣ намедонанд ва намефаҳманд. Ба ин восита қавми ҳамреша гусехташуда яке бо исми дарӣ, дигаре бо исми порсӣ, дигаре бо номи тоҷикӣ аз ҳам ҷудо шудааанд». Агар кор чунин сурат бигирад, забони ҳамзабонони мо дар кишвар ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешуда бошад!? Шумо ба ин пурсиш чӣ посух доред, ворисони Рӯдакию Сино.., Айнию Улуғзода...

Аламовар аст, рӯзномаҳои тоҷикиро, ҳатто табақаи зиёӣ кам андар кам мутолиа мекунанд. Ин ҷо овардани иқтибосеро аз навиштаи сокини деҳаи Варзики ноҳияи Чуст Назирҷон Эргашев («Овози тоҷик», №95-96, 12 декабри соли 2020) зарур медонам. «Мактабҳое низ ҳастанд, ки таълимашон ба забони тоҷикист, вале ба ягон нусха рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна намешаванд. Ин аламовар аст. Муаллимоне, ки аз ин рӯзнома озуқаи маънавӣ намегиранд, чӣ гуна ҷаҳонбиниашонро баланд бардошта метавонанд? Ба мактабиён бо забони тоҷикӣ чӣ гуна дарс медиҳанд? Агар рӯзномаи тоҷикӣ нахонанд, аз забони адабии тоҷикӣ дур шуда мераванд-ку. Ҳол он ки солҳои охир дар рӯзнома саҳифаҳои махсуси адабиёт ва санъат, оид ба мактабу таълим ва тарбия, маводҳои методӣ барои омӯзгорон чоп шуда истодаанд. Хабару мақолаҳои муаллимон низ дар рӯзнома бештар рӯйи чопро мебинад.

Фурсат расид, ки масъалаи обуна нафақат кори кормандони рӯзнома, балки вазифаи ҳар як фарди миллатдӯст ва зиёии миллатпарвар бошад».

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
муаллими собиқадор аз ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

Дар ҳошияи Муроҷиат

ХИДМАТИ ТИББӢ – ТИБҚИ ТАЛАБИ ЗАМОН

Чанде қабл ба дунболи коре аз хона берун рафтам. Вақте баргашта дари дарвозаро боз намудам, дар вурудгоҳ чашмам ба ду ҷавонзани кулоҳи сафедпӯш афтод, ки бо бонуи хона гуфтугузор доштанд. Баъди ҳолпурсӣ яке аз онҳо изҳор дошт:

— Амак, хеле хуб шуд, ки шумо низ дар хона будаед, мо ҳамшираҳои поликлиникаи оилавӣ Д. Ҷалилова ва М. Қобилова ҳастем. Бино ба супориш омадем, то вазъи умумии тандурустии аъзои оилаатонро бисанҷем. Гуфтам:

— Ба чашм, хуш омадед.

Онҳо бо худ тарозуи руйифаршии кӯчаке низ доштанд. Яке қадду вазнам, дигаре фишори хунамро чен кард. Сипас, бино ба ҷадвале, ки доштанд, бо назардошти андозаи қаду вазн, хулоса карданд, ки 25 кг вазни зиёдатӣ дорам. Маслиҳат доданд, ки бо варзиш машғул шавам, бештар мева истеъмол намоям...

Бад-ин тариқ, ҳамшираҳои патронаж ҳар як узви оиларо муоина карданд. Аз кори онҳо хушам омад. Дар худ андешидам, ки ҳарчанд ба оҳистагӣ ва мушкилоти зиёд аст, ба рӯзгорамон зиндагии баҳаловат (комфорт) ворид мегардад.

Чӣ ҷойи пинҳон доштан, рӯзгоре дар паси ҳар «хидмат» чашми тамаъ ниҳон буд... Дар беморхона ва бунгоҳҳои тиббӣ, бо вуҷуди он, ки маошашон таъин буд, баъзе шифокорон ба мизоҷон ба чашми тамаъ менигаристанд... Фикр кардам, ки ҳамшираҳо, баъди муоина ба мо чашми тамаъ медӯзанд. Вале онҳо қаноатмандона хонаро тарк карданд.

Ин ҳангом Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба Олий Маҷлис пеши назар омад, ки соли равонро «Соли дастгирии ҷавонон ва саломатии аҳолӣ» эълон карда буд. Дар Муроҷиатнома, аз ҷумла, оварда шудааст: «Барои он ки хидмати тиббӣ ба дараҷаи сифатан нав бардошта шавад, фаъолияти бригадаҳои тиббӣ, ки аз духтури оилавӣ ва 5 нафар ёвари ӯ — кормандони миёнаи тиббӣ иборатанд, ба роҳ монда хоҳад шуд».

Ҳамшираҳо аъзои бригадаи тиббии поликлиникаи оилавии рақами 32-юми ноҳияи Яшнободи пойтахт буданд, ки тибқи талаби замон дар моҳи аввали «Соли дастгирии ҷавонон ва саломатии аҳолӣ» ба кор бо нафаси тоза шурӯъ кардааанд.

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Дар давоми соли 2020 дар мусобиқаҳои миқёси мамлакат ва байналхалқӣ аз ҷониби варзишгарони вилояти Намангон 511 медали тилло, 698 – нуқра, 1041 – биринҷӣ, ҷамъ 2250 медал ба даст оварда шуд.

Ба Бозиҳои олимпӣ ва Паралимпӣ, ки дар Токио баргузор мегарданд, то имрӯз 5 роҳхат ба даст омадааст. Узви ҷамоаи яккачини Федератсияи армрестлинги Ӯзбекистон Назокат Солиева дар чемпионати ҷаҳон, ки дар Руминия баргузор шуд, соҳиби 2 медали тиллоӣ гардид. Вай дар мусобиқаҳое, ки соли 2017 дар Венгрия, соли 2018 дар Туркия ба амал омада буданд, низ ҷойҳои ифтихориро ишғол карда буд.

Дар сурат: *узви ҷамоаи яккачини Федератсияи армрестлинги Ӯзбекистон* ***Назокат Солиева****.*

Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).

КОРИ ЁРОНИ ТИФОҚ САҲЛ БУВАД

Олимони зиёд бо такя ба китобҳои диниву дунявӣ ба он хулоса омадааанд, ки пайдоиши одам аз як падару модар мебошад. Бо мурури қарнҳо фарзандони ин падару модар ба рӯи сайёраи Замин паҳну парешон шудааанд. Дар ҳар ҷо одамон забон, тарзи зиндагӣ ва липоспӯшӣ, хонадорӣ, урфу одат ва анъана, илму маърифат ва амсоли онро барпо кардааанд.

Табиист, ки ҳамаи сокинони сайёраи Замин ба дину мазҳабҳои гуногун пайравӣ мекунанд. Аммо баъзан ҷудоандозиҳо ва ихтилофи назарҳо боис гардидааст, ки кинаву адоват ба миён ояд ва одам душмани одам шавад.

Бо вуҷуди ин, инсон бо ақлу заковати худ аз ҷонзодҳои дигари рӯи олам ба куллӣ фарқ мекунад. Тарбия барои инсон аз рукнҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Тарбия метавонад соҳаҳои гуногунро дар бар гирад.

Шайхурраис Абӯалӣ Сино барои нигоҳ доштани саломатии инсон, новобаста аз он ки вай мард аст ва ё зан, тавсия медиҳад, ки ӯро тарбияи бадан ё ҷисмонӣ аз ҳар гуна бемориҳо наҷот мебахшад.

Ривоят мешавад, ки Анӯшервони одил баъди он ки аз вазираш Бузургмеҳр ба саволи худ ҷавоб гирифт, гуфтааст, ки вай аз Худо танҳо саломатӣ ва тавоноӣ бипурсад. Ба таъкиди Анӯшервони одил саломатӣ омили тавоноии ӯст, бояд барои ҳифзи саломатӣ ҳамеша кӯшиш ва рағбат кард.

Боз мегӯянд, ки агар одами беғамро дидед, донед, ки вай ё одам нест ва ё аз ин олам нест. Дар ин бора шоирон фикрҳои ҷолиб баён кардааанд.

Бадриддини Ҳилолӣ фармудааст:

Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодию нишот дар Бани Одам нест.
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Одамони зиёдеро медонам, ки аз ташвиши дигарон изҳори нигаронӣ мекунанд ва талош ба харҷ медиҳанд, ки ба чунин одамон дасти ёриву мадад дароз кунанд. Аксар вақт онҳо ба чунин корҳои нек муваффақ мешаванд ва атрофиёни худро аз чанголи ғаму ташвиш наҷот мебахшанд. Ин кори хубу савоб аст!

Ҳаёти одамӣ ҳаргиз орому ҳамвор набудааст. Он пастиву баландиҳои зиёд дорад, ки одам бояд бо таҳаммулу субот паси сар намояд. Ҷавонон дар ин маврид бояд ба маслиҳату машварати калонсолон гӯш диҳанду ба он амал кунанд. Баъзан мушоҳида мекунем, ки андак ноҳамвориҳои зиндагӣ ҷавононро ноумед месозад ва гумон мекунанд, ки бо ҳамин дигар онҳо ба муваффақият ноил намешаванд. Дар чунин ҳолатҳо бояд калонсолон ва одамони пуртаҷриба ба кӯмаки онҳо бирасанд ва онҳоро аз вартаи ноумедӣ раҳо кунанд.

Аҳмади Дониш ба падару модарон чунин маслиҳат додааст: агар писарро хонадор карданӣ бошед, барои мустақилона зиндагӣ кардани зану шавҳари ҷавон шароит муҳайё кунед. Мо дар ин давру замон бояд ба чунин маслиҳатҳо амал кунем, он гоҳ зиндагии фарзандон ба хубӣ пеш меравад. Бояд ба навхонадорон ёд диҳем, ки аз шароити фароҳамовардашуда пурсамар истифода кунанд ва худ низ барои фаровонии ҳаёт ва беҳбуди зиндагӣ заҳмат кашанд.

Капи Чек ном олим гуфтааст, ки агар падару модар умри дароз бинанд, фарзанди онҳо низ умри дароз мебинад. Чунин одамон аз неъматҳои офаридаи Худо баҳраманд мешаванд, кинаву адоват ва ғаму ғуссаро аз худ дур мекунанд, ҳаёташонро бо шукргузорӣ сипарӣ менамоянд.

Дар охир ҳамин нуктаро таъкид карданиам, ки ҳар як фард бояд барои боло бурдани сатҳи маънавият ва маърифати худ талош намояд. Барои ин хондани китоб, маҷалла ва рӯзномаҳо аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Мутаассифона, алҳол мардум кам китоб ва рӯзнома мехоханд. Қаблан дар хиёбонҳо одамон ба хондани китоб ва рӯзномаҳо машғул мешуданд, дар хона низ.

Ман солҳои дароз ба кори таълиму тарбия машғул будам. Дар вазорати маориф ва институти такмили ихтисоси муаллимон кор кардам. Таҷрибаи ҳаётӣ дорам. Ҳоло синнам ба навад наздик аст. Китобу рӯзномахонӣ шуғли ҳамешагии ман мебошад. Кӯшиш мекунам, ки фарзандону набераҳо ва абераҳоям низ дар ҳамин росто ба воя расанд ва олиму доно шаванд.

Ҳоло “Овози тоҷик”-ро мегираму мехонам. Ин рӯзномаест, ки қариб як аср боз чоп мешавад. Дар як-ду соли охир “Овози тоҷик” маводи хеле хубу хондани нашр мекунад. Мебинам, ки дар бораи олимону адибоне мақолаҳо чоп мешаванд, ки чеҳраҳояшон барои мо номаълум буданд. Ҳамчунин, аз кору фаъолияти аҳли меҳнат очерку лавҳа ва гузоришҳои ҷолиб интишор меёбанд. Дар ин маврид мо, муштариён низ бояд тифоқ шавем ва рӯзномаро дастгирӣ кунем. Беҳуда нафармудааанд, ки кори ёрони тифоқ саҳл бувад.

Умедворам, ки минбаъд ин рӯзнома доираи мақолаву гузоришҳои хонданиву пурмуҳтавояшро васеътар менамояд ва муштариёни худро беш аз пеш хурсанд мекунад.

Бегалӣ БОЛТАЕВ,
собиқадори меҳнат.
Ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 791, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.